## ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АМИТ оид ба диссертатсияи Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзуи “Мунҷики Тирмизӣ ва муҳити адабии Чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01. 01. – Адабиёти тоҷик**

Диссертатсияи Жумакулов Жамшид Панжиевич ба таҳқиқи рӯзгору осори Мунҷики Тирмизӣ яке аз адибони маъруфи ҳамасри Рӯдакӣ, ки дар ибтидои асри X мелодӣ зиставу эҷод кардааст, ихтисос ёфтааст.

Ҳадафи асосӣ аз таълифи ин рисола омӯзиши зиндагӣ, ҳаёти адабӣ, мероси боқимондаи шоир, муайян намудани мухтассоти хунарии ашъор ва ҷойгоҳи Мунҷики Тирмизӣ дар адабиёти форсии тоҷикӣ ва такомули равандҳои адабӣ дар замони Сомониён мебошад, ки муаллиф аз вазифаҳои дар назди ӯ гузошташуда ба хубӣ баромада, дар бораи рӯзгор ва осори Мунҷики Тирмизӣ дар асоси сарчашмаҳо ва таҳқиқоти мавҷуда, монографияи комилан илмӣ навиштааст.

Бояд гуфт, ки ҳарчанд дар бобати адабиёти давраи Сомониён таълифоти зиёди илмиву адабӣ мавҷуданд, вале дар бораи рӯзгору осори Мунҷики Тирмизӣ то имрӯз рисолаи ҷудогонаи монографӣ таълиф нагардидааст ва бо эътимоди комил метавон рисолаи мавриди гуфтугӯро ба қатори дастовардҳои илми адабиётшиносии тоҷик ворид кард. Консепсияи рисола дуруст гузошта шуда, муаллиф тавонистааст бо таснифоти фаслҳои ҷудогона дар хусуси тасвирҳои шоирона дар шеъри Мунҷик, сабку баён ва ҳунари шоирии ӯ андешаҳои ҷолиб ва навро пешниҳод кунад. Хусусан, диссертант дар боби сеюм бори аввал қасидаҳо, марсияҳо, ҳаҷву мутоибот ва абёти парокандаи шоирро ба таври куллӣ ва маҷмӯӣ пажӯҳиш кардааст, ки барои баррасии адабиёти давраи Сомониён, бавижа ҳавзаи адабии Чағониён бисёр муҳим мебошад.

Чунонки муаллиф таъкид мекунад, аз Мунҷики Тирмизӣ ҳамагӣ 426 байт боқӣ мондааст, ки аз ин шумора 100 байти он аз ҷониби донишманди эронӣ Эҳсон Шаворибии Муқаддам дар солҳои охир дарёфт шуда, диссертант дар асоси осори андак дар сатҳи матлуби илмӣ рисола таълиф намудааст, ки шоистаи таҳсин мебошад.

Диссертатсия ба талаботи бандҳои 31-33-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30-уми июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ мебошад. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф дар сатҳи матлуби илмӣ навишта шуда, ҳамчун рисолаи ҷудогона метавонад дар омӯзиши адабиёти асри Х ҳамчун рисолаи раҳнамо хидмат кунад. Натиҷа ва нуктаҳои илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда саҳми шахсии муаллифи диссетатсияро нишон медиҳад.

Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқи диссертатсионӣ бо шиносномаи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқат мекунад.

Натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқ ва тавсияҳои муаллиф дар 12 мақола, ки аз онҳо 5 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 7 мақола дар маҷалла ва маҷмуаҳои илмии дигар ба табъ расидаанд, инъикос ёфта, бо мазмун ва мавзӯи диссертатсия ва мақолаҳои нашркардаи унвонҷӯ фарогири мазмуну муҳтавои диссертатсия мебошанд. Мақолаҳои илмии муаллиф ва теъдоди маводи чопшуда ба талаботи бандҳои 34 ва 35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ мувофиқат менамоянд.

Дар диссертатсияи Жумакулов Жамшид Панжиевич истифодаи мавод бидуни ишора ба муаллиф ё маъхаз ба назар намерасад. Ин аз риоя шудани банди 37-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ гувоҳӣ медиҳад.

Дар хулосаи диссертатсия дастовардҳои таҳқиқ ва моҳияти масъалаҳои меҳварӣ зикр ёфта, дурнамои мавзуи кори диссертатсионӣ таъйин шудааст. Аҳаммияти таҳқиқ, навовариҳои илмии диссертатсия ва арзиши амалии онро ба назар гирифта, комиссияи экспертӣ ба чунин

хулоса омад, ки диссертатсияи номзадии Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзуи Мунчики Тирмизӣ ва муҳити адабии чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI” кори таҳқиқии анҷомёфта буда, ба талаботи Комиссияи олии аттетсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад ва онро барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси 10. 01. 01. – Адабиёти тоҷик ба ҳимоя пешниҳод кардан мумкин аст.

Комиссияи экспертӣ дар асоси банди 60-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ пешниҳод пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи номзадии Жумакулов Жамшид Панжиевич дар мавзуи “Мунчики Тирмизӣ ва муҳити адабии чағониён дар асри X ва ибтидои асри XI” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯи ихтисоси 10.01. 01. – Адабиёти тоҷик дар ҷаласаи Шурои диссертатсионии 6D. КОА – 067-и назди Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакӣ тариқи овоздиҳии ошкоро ба ҳимоя қабул карда шавад.

2. Комиссияи экспертӣ муҳаққиқони зеринро, ки корҳои илмӣ таҳқиқотияшон ба ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик мувофиқат доранд, ба ҳайси муқарризони расмӣ пешниҳод менамояд:

-Тағаймуродов Рустам Ҳакимович – доктори илми филология, профессори кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав;

-Боқиев Ҳамза Олимович– номзади илми филология, дотсент, мудири кафедраи забон ва адабиёти тоҷики ДДОТ ба номи С. Айнӣ.

3. Ба сифати муассисаи пешбар Муассисаи давлатии таълимии Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Б. Ғафуров пешниҳод мешавад.

4. Барои гузоштани эълони ҳимоя, матни диссертатсия ва автореферати он дар сомонаи Институти забон ва адабиёти ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакии АМИТ ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис ва ирсол гардидани он ба суроғаҳои таъйиншуда иҷозат дода шавад.

**Раиси комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви Шурои диссертатсионӣ Солеҳов М. О.

**Аъзои комиссияи экспертӣ:**
доктори илми филология,
узви Шурои диссертатсионӣ Восиева Р. Қ.

доктори илми филология,
узви Шурои диссертатсионӣ Суфизода Ш.

20 июни соли 2023